Ба Шумо тавсия медиҳем, ки дар муассисаҳои олии давлатӣ рӯзона таҳсил кунед – дар ин ҳолат **донишҷӯён ва хатмкардагони хориҷӣ метавонанд**:

- иҷозати истиқомати муваққатӣ, иҷозати истиқомат ва шаҳрвандии Россияро ба тарзи соддашуда, аз ҷумла ҳамчун русзабонон гиранд;
- дар Барономаи давлатии мусоидат ба муҳоҷирати ҳамватанон иштирок кунанд;

Донишҷӯёни хориҷӣ, ки дар шакли рӯзона таҳсил мекунанд, метавонанд бе патент ва иҷозати кор дар вақтҳои фориғ аз кор ба меҳнат машғул шаванд.Барои бастани шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи граждани-ҳуқуқӣ аз онҳо танҳо талаб карда мешавад, ки аз мактаби олӣ ё коллеҷ, ки аккредатсияи давлатӣ дорад, маълумотномаи тасдиққунандаи таҳсили онҳоро дар ин муассисаи таҳсилот пешниҳод намоянд.

Донишҷӯёни шуъбаҳои ғоибона ва рӯзона-ғоибона бояд барои кор патент гиранд.

Донишҷӯён – шаҳрвандони кишварҳои ЕАЭС (Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон, Беларус) ҳуқуқ доранд бе патент ва иҷозати кор дар вақти дилхоҳ кор кунанд.

Донишҷӯён – шаҳрвандони кишварҳои бо раводид, ки дар шуъбаи рӯзона-ғоибона таҳсил мекунанд, ҳуқуқи гирифтани иҷозати донишҷӯии корро надоранд. Агар Шумо ба ин категория дохил бошед, кӯшиш кунед, ки дар муассисаи таҳсилоти худ ягон кори иловагӣ пайдо намоед.

Донишҷӯён – шаҳрвандони кишварҳои низоми раводид, ки дар шуъбаи ғоибона таҳсил мекунанд, барои кор (ё будубош дар Россия ба муҳлати бештар нисбат ба муҳлати сессия) бояд таклифномаи меҳнатӣ, баъд раводиди корӣ, сипас иҷозати кор гиранд.

## Сайтҳои муфид:

russia.study – сайти расмӣ барои интихоби шаҳрвандони хориҷӣ барои таҳсил дар Россия Россотрудничества и МИД РФ.

studyinrussia.ru – сайти расмии Министерства науки и высшего образования РФ барои донишҷӯёни хориҷӣ. Сайт маслиҳатҳо оид ба дохилшавӣ, маълумот дар бораи мактабҳои олии Россия, навигариҳо дорад.

migrussia.ru – «Мигранты и миграция. Межрегиональный информационный портал»– маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои худ, навигариҳои қонунгузории муҳоҷират.

## РОБИТАҲОИ МУФИД

**Многофункциональный центр предоставления государственных и муниципальных услуг (МФЦ):**
Санкт-Петербург: 8(812) 573-90-00,gu.spb.ru/mfc
Вилояти Ленинград: 8 (800) 500-00-47, 8 (812) 775-47-47, mfc47.ru
Москва: 8 (495) 777-77-77, md.mos.ru
Вилояти Москва:8 (800) 550-50-30, uslugi.mosreg.ru

**Комитет по образованию Санкт-Петербурга:**
8 (812) 576-20-19, k-obr.spb.ru

**Комитет общего и профессионального образования Ленинградской области:** 8 (812) 539-44-50, 8 (812) 539-50-90, www.edu.lenobl.ru

**Департамент образования и науки города Москвы:**
8(495) 366-66-80,www.mos.ru/donm

**Министерство образования Московской области:**
8 (498) 602-11-23, mo.mosreg.ru

**Хатти доғ барои муҳоҷирони меҳнатии Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге:**
8(812)576-28-67

**Уполномоченный по правам ребенка:**
дар Санкт-Петербург: 8 (812) 576-70-00, www.spbdeti.org
дар вилояти Ленинград: 8 (812) 400-36-49, 8 (812) 710-00-15, 47deti.ru
дар Москва: 8 (495) 957-05-85, deti.gov.ru/contacts/moskva
дар вилояти Москва: 8 (498) 602-32-07, detimo.mosreg.ru

Буклет разработан БФ «ПСП-фонд»
Авторы-составители: Хлызова Д.В., Якимов А.Н.
Редактор: Панич Б.Л.

Буклет «Образование в России. Советы мигрантам» на таджикском языке.

Публикация подготовлена в рамках проекта «Межрегиональный ресурсный центр по адаптации и интеграции мигрантов и гармонизации межнациональных отношений», реализуемого при поддержке Фонда президентских грантов.

ФОНД ПРЕЗИДЕНТСКИХ ГРАНТОВ

БФ «ПСП-ФОНД»

# ТАҲСИЛ ДАР РОССИЯ

## Маслиҳатҳо ба муҳоҷирон

2021

## КӮДАКИСТОН, МАКТАБ

Фарзандони шаҳрвандони хориҷӣ мисли фарзандони шаҳрвандони Россия ҳуқуқи бепул ба кӯдакистон ё мактаб шомил шудан доранд.

Бачаҳо бояд дар Россия дар асосҳои қонунӣ истиқомат дошта бошанд, яъне соҳиби корти муҳоҷират ва регистратсия (сабт дар ҳисоби муҳоҷират) бошанд.

Фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони кишварҳои ЕАЭС (Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон) – дар асос ва муҳлати амали шартномаи меҳнатии волид дар Россия истиқомат мекунанд.

**Волидони бачаҳои синни мактабӣ ӯҳдоранд, ки онҳоро ба мактаб диҳанд.**

**Фарзандони шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба синни 18-солагӣ нарасидаанд, ҳуқуқи кор кардан дар Россия надоранд!**

Фарзандонро ба кӯдакистон ва мактаб дар ҷои истиқомати муваққатии волидонашон (сабти муҳоҷират/регистратсия) додан даркор аст.

**Барои шомил шудан ба кӯдакистон ё синфи якуми мактаб** ба МФЦ (маркази бисёрҷабҳаи хизматрасонӣ)-и ҷойи қайд муроҷиат кардан лозим аст.

**Барои ба мактаб шомил кардан** ба шуъбаи ноҳиявии маориф муроҷиат кардан лозим аст. Суроғаи шуъбаи маорифи ноҳияи худро аз сайти Комитети маориф ё бо муроҷиат ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ пайдо кардан мумкин аст.

Ба Шумо маслиҳат медиҳем, ки **фарзандро пешакӣ ба кӯдакистон ва мактаб шомил кунед**: қабул ба соли ояндаи таҳсил ба кӯдакистон ва синфи якуми мактаб аз феврал – апрел; ба дигар синфҳои мактаб аз апрел – май сар мешавад.

Дар шаҳрҳо ва нуқтаҳои калони аҳолинишин аксаран дар кӯдакистонҳо ҷой намерасад ва навбатҳо пайдо мешаванд, бинобар ин барои як ҷой дар гурӯҳ чанд оила довталаб мешаванд. Агар дар кӯдакистони Шумо ҷойи холӣ набошад, фарзандатонро дар навбати қабул ба кӯдакистон мемонанд, ё барои қабул ба кӯдакистони дигар, ки ҷойи холӣ дорад, мефиристонанд.

Ҳуқуқи афзалиятноки шомил шудан ба кӯдакистонро фарзандони он шаҳрвандони хориҷие доранд, ки:

- ба таври доимӣ дар Россия истиқомат мекунанд (ҳуқуқи истиқомат ВНЖ доранд);
- аъзои оилаҳои серфарзанд;
- аъзои оилаи кормандони кӯдакистон (агар волиди фарзанд дар кӯдакистон ё мактаб муаллим, мураббӣ, посбон, ошпаз, рӯбанда ва ғайра бошад).

**Агар волидон ба мактаб муроҷиат карда, ҷавоби рад гиранд, ба шуъбаи маорифи ноҳия (РОНО) муроҷиат кардан лозим аст, ки вазифадор аст дар яке аз мактабҳои ноҳия ҷой ёбад. Суроғаи шуъбаҳои маорифро аз интернет ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ пайдо кардан мумкин аст.**

Дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми ба мактаб қабул кардан кӯдак бояд аз суҳбати муаллимон гузарад, то дар кадом синф таҳсил кардани ӯро муайян кунанд. Агар бо сабаби ба сатҳи зарурӣ надонистани забони русӣ муаллимон пешниҳод кунанд, ки кӯдак як синф поёнтар хонад, боке нест.

**Ҳуҷҷатҳо барои дохил кардани фарзандон ба кӯдакистон ва мактаб (аслҳо ва нусхаҳо):**

- шиносномаи фарзанд ва шиносномаи яке аз волидон;
- шаҳодатномаи таваллуди фарзанд;
- корти муҳоҷирати фарзанд ва яке аз волидон;
- маълумотнома дар бораи ба қайди муҳоҷират гузоштани фарзанд ва яке аз волидони ӯ (дар он ноҳияе, ки фарзанд ба мактаб ё кӯдакистон меравад);
- корти тиббие, ки фарзанд дорад;
- маълумотномаи тиббии 026 ва сертификати эмкунӣ (дар клиникаҳои тибби бачагон бо пул дода мешавад);
- парвандаи шахсии фарзанд аз мактаби пешинааш (агар пештар таҳсил карда бошад).

Маъмулан инчунин тасдиқи нотариалии ҳуҷҷатҳо ба забони русӣ, баъзан полиси тиббии фарзанд талаб карда мешавад.

Агар бача барои таҳсил дар мактаби русӣ тайёр набошад, забони русиро нағз надонад, бо бачаҳои рус бо душворӣ муошират кунад, дар баъзе минтақаҳо ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат карда, ёрӣ гирифтан мумкин аст. Волонтёрҳо бе пул бо бачаҳо машғулиятҳои омӯзишӣ мегузаронанд, барномаҳои фароғатию фарҳангӣ ташкил мекунанд, ба бачаҳо ёрӣ мерасонанд, ки бо ҷамъияти россиягӣ мутобиқ шаванд.

**Дар Санкт-Петербург:**
АНО «Дети Петербурга»
detipeterburga.ru тел.: 8 (911) 773-77-87
Дар назди ташкилот Маркази ҷавонон амал мекунад.

**Дар Москва ва Наздимосква:**
Центр адаптации и обучения детей-беженцев «Такие же дети»
kidsarekids-center.com

**Дар вилояти Москва:**
Языковая школа «Ковчег»
pereletnye-deti.ru тел.: 8 (495) 995-41-54

Барои худомӯзии забони русӣ барои бачаҳо инҳоро истифода бурдан мумкин аст:

- **портали Институти забони русии ба номи А.С.Пушкин «Русский язык для наших детей»** rus4chld.pushkininstitute.ru/#
- **портал барои дастгирии забони русӣ дар мактаби ибтидоӣ ИМЦ Адмиралтейского района Санкт-Петербурга «Говоруша»** www.govorusha.adm-edu.spb.ru

Агар оид ба қабул ба мактаб мушкилот пайдо шаванд, муроҷиат кунед ба **Комитет или Департамент по образованию** – он дар ҳар минтақа ҳаст.

open.edu.gov.ru/appeals/e-send – барои шикоятҳои электронӣ ба Министерство просвещения РФ, тел.: 8 (495) 587-01-36.

Дар ҳолати поймолшавии ҳуқуқи кӯдак инчунин ба Ваколатдори ҳуқуқи кӯдак дар минтақаи худ ё ФР муроҷиат кардан мумкин аст– deti.gov.ru

## ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛӢ

Алҳол дар Россия квота мавҷуд аст, ки имкон медиҳад шаҳрвандони хориҷӣ ва шаҳрвандони Россия, ки дар хориҷа зиндагӣ мекунанд, ба зиёда аз 450 мактаби олии мамлакат дар барномаҳои бакалавриат, магистратура ё аспирантура таҳсил кунанд.

Бо ёрии сайти www.russia-edu.ru Министерства образования и науки РФ метавон барои **таҳсили бепул** аз ҳисоби буҷети Федератсияи Россия дар доираи квотаи муқарраркардаи Ҳукумати Россия ариза дод ва баррасии онро пайгирӣ кард.

Сайти future-in-russia.com – системаи додани ариза барои таҳсил дар Россия аз тарафи Федерального агентства по делам СНГ, барои ҳамватанони дар хориҷа зиндагикунанда ва аз тарафи ҳамкории байналмилалии гуманитарӣ «Россотрудничество» мебошад.